# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2025. – 41 саҳ.)**

Нигоҳи хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих ва фарҳанги халқи тоҷик моро водор месозад, ки ба умқи таълимоти ниёгон бо чашми эҳтиром нигарем. Авесто – ин на танҳо китоби мазҳабӣ, балки ойинаи ахлоқ, адолат ва қонун аст. Он рӯзгори гузаштагони моро равшан мекунад ва ба мо меомӯзад, ки чӣ гуна зиндагии солим, ҷомеаи одил ва муносибати инсон бо табиат бояд бошад. Агар мо ба таърихамон рӯ орем, метавонем роҳҳои ҳалли мушкилоти муосирро низ аз он биомӯзем. Маҳз дар ин замина эҳёи мероси фарҳангиву ҳуқуқӣ бояд як рукни муҳимми худшиносӣ ва ватандӯстии насли ҷавон бошад.

Таърихи пурғановати халқи тоҷик ва мероси бойи фарҳангиву ҳуқуқии он, махсусан дар симои Авесто ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ, на танҳо ҷузъи гузашта, балки манбаи илҳоми сиёсати имрӯзаи миллист. Иқдоми Пешвои миллат ҷиҳати муаррифии фарҳанг ва таълимоти ниёгон дар сатҳи байналмилалӣ, бозгӯйи он аст, ки миллати тоҷик дорои таърихи барҷастаи ҳуқуқӣ буда, барои наслҳои имрӯзу фардо манбаи сабақи ватандӯстӣ, ахлоқ ва адолат аст. Ба ин васила, эҳёи ҳуқуқи миллӣ на танҳо ҳифзи таърих, балки кафолати рушди ҳуқуқии устувор дар оянда мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ эҳёи таъриху фарҳанги миллӣ ва арзишҳои бостонӣ ба як самти муҳим ва стратегии сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Дар ин раванд, таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ ва сиёсатмадорони тоҷик, бахусус Пешвои

миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба мероси ҳуқуқии асили тоҷикон – аз ҷумла таълимоти зардуштӣ ва китоби муқаддаси Авесто, бештар гардид. Вандидод ҳамчун бахши муҳим ва муфассали Авесто на танҳо дар заминаи таълимоти динӣ, балки ҳамчун манбаи қонуният ва танзими ҷомеа дар аҳди бостон шинохта шудааст. Омӯзиши чунин сарчашмаҳо ба рушди худшиносии миллӣ, эҳсоси ифтихор аз гузашта ва тақвияти пояҳои давлатдории миллӣ кумак менамояд. Ин раванд ҳамо ҷанбаи таърихшиносӣ ва ҳам аҳаммияти тарбиявию маънавӣ барои насли имрӯза дорад.

Таҳқиқ ва таҳлили Вандидод на танҳо аҳаммияти назариявӣ ва таърихӣ дорад, балки дорои паҳлуҳои амалӣ барои ҳуқуқшиносии муосир низ мебошад. Ба ин маъно, таҳлиҷи сохтор ва муҳтавои ҳуқуқии он метавонад барои такмил додани қонунгузории миллӣ, омӯзиши ҳуқуқи муқоисавӣ ва таҳкими низоми ҳуқуқии Тоҷикистон хидмат кунад. Аз ҳама муҳимаш, ин гуна таҳқиқот барои тарбияи ҳуқуқшиносони ҷавон, рушди илми ҳуқуқ ва шинохти манбаъҳои таърихии миллӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар шароити ҷаҳони пуртазод ва таҳдидҳои ахлоқиву фарҳангӣ, бозгашт ба сарчашмаҳои аслии ҳуқуқии миллӣ, махсусан Вандидод, метавонад ба пойдории арзишҳои миллӣ ва ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Навгонии муҳимми пажӯҳиш дар он ифода ёфтааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод бо меъёрҳои қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса ва таҳлил шудааст. Ин муқоисаи илмӣ бори аввал таносуби меъёрҳои ҳуқуқии ду низоми ҳуқуқиро ошкор намуда, умумият ва фарқиятҳои сохторӣ, мафҳумӣ ва амалии онҳоро нишон медиҳад. Ин таҳлил на танҳо арзиши назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад, зеро ба воситаи он баъзе камбудиҳо ва мушкилоти қонунгузории миллӣ равшан гардида, тавсияҳои мушаххас барои ислоҳи онҳо пешниҳод шудаанд. Ин равиши муқоисавӣ, заминаи муҳим барои таҳкими низоми

ҳуқуқии миллӣ дар асоси таҷрибаи таърихӣ ва арзишҳои башарӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ба монанди «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи маъмурӣ», «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи оила» ва курсҳои махсус, аз ҷумла «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ва «Ҳуқуқи кӯдак» ба таври самаранок истифода шаванд.

Таҳқиқот тавонистааст бо истинод ба мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, инчунин бо истифода аз таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ, мавқеи илмӣи устувореро нисбат ба масъалаи таҳқиқшаванда шакл диҳад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки таҳқиқот танҳо ба маводи қонунӣ такя накарда, балки онро дар заминаи таҳлили муосири илмӣ баррасӣ шудааст.

Сатҳи навгонии таҳқиқоти илмии довталаб дар он ифода ёфтааст, ки як қатор нуктаҳои илмии нав пешниҳод гардидаанд, ки қобили қабул барои ҳимоя мебошанд. Маводи таҳқиқот дар шакли мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр ва ироа шудаанд, ки саҳми шахсии муаллифро дар рушди илми ҳуқуқи Тоҷикистон тасдиқ мекунанд.

Таҳқиқоти мазкур ба низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва таъсири он ба ҳуқуқи муосир бахшида шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Аз ҷумла муаллиф падидаҳои ҳуқуқӣ, ба монанди «хариди гуноҳ», маҳдуд кардани озодӣ, ҳифзи ҳуқуқи ҷанин, манъи зӯроварӣ ба ҳайвонот, муносибати ҷиддӣ ба оиладорӣ ва дигар ниҳодҳоро аз нигоҳи таърихӣ ва муқоисавӣ таҳлил намудааст.

Муаллиф собит месозад, ки баъзе меъёрҳои ҳуқуқии бостон ба қонунгузории муосир тавассути низомҳои ҳуқуқии дигар ворид гардидаанд ва имрӯз низ қобили истифода мебошанд. Мавод барои рушди андешаи ҳуқуқии миллӣ ва сиёсати қонунгузорӣ муфид аст.

Таҳлили тартиботи ҷазо ва масъулияти ҳуқуқӣ дар низоми зардуштӣ нишон медиҳад, ки дар он давраҳо низ масъалаҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини адолат бо меъёрҳои возеҳ ва танзимшуда мавҷуд буданд. Ин далел шаҳодат медиҳад, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ дорои сохтор ва системаи равшан ва муназзам буд, ки ба рушди низоми ҳуқуқии муосир асос мегузорад.

Дар баробари тарафҳои мусбати таҳқиқот дар он баъзе фикрҳое ҷой доранд, ки баҳснок ба назар мерасанд. Масалан, муаллиф дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда иброз медорад, ки дар натиҷаи пажуҳиш муайян карда шуд, ки аввалин генезис ё бавуҷудоии ҷазои маҳдуд кардани озодӣ аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ оғоз меёбад. Мувофиқи сарчашмаҳо, ин намуди ҷазо бо таъсири низоми ҳуқуқии шуравӣ ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, махсусан ба КҶ ҶТ ворид шудааст. Гарчанде ки дар Вандидод маҳдудсозии ҷойгиршавӣ вуҷуд дошт, муқоисаи он бо ҷазои маҳдудкунии озодӣ дар КҶ муосир баҳснок мебошад. Зеро ҷазоҳои муосир дар доираи қоидаҳои раванди судӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии инсон татбиқ мешаванд, ки дар низоми қадимӣ вуҷуд надоштанд. Бо вуҷуди ин мехостем нуктаи назари муаллифро роҷеъ ба ин масъала зимни ҳимояи ошкоро бо асосноккунии васеъ фаҳмида бошем.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру

иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Роғун, 735417
Ҷамоати деҳоти Қади об деҳаи Қалъаи нав, хонаи 315
Тел.:992 917375555
E-mail: falizoda2017@mail.ru

Имзои Алиев Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Пирзода С.С.
«20» 11 соли 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС / ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, шаҳри Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2,
Тел.: +992 (37) 234-83-46
Факс: (37) 234-85-46 E-mail: info@ddtt.tj; tguk2025@gmail.com

**«20» 11 2025 сол**